# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Зокиров Иброҳим Исмоилович дар мавзуи “Истиқрор ва рушди ҳамкориҳои Тоҷикистон ва Хитой дар даврони истиқлолият (солҳои 1991-2021)”, ки барои дарёфти унвони илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.15 – Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати хориҷӣ (илмҳои таърих) пешниҳод шудааст.**

Мавзуи диссертатсияи Зокиров Иброҳим Исмоилович бо назардошти тавсеаи ҳамкориҳои мутақобилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дигар давлатҳо ҷаҳон мубрамияти хос дошта, ба яке аз масъалаҳои муҳими илми муносибатҳои байналмилалӣ – ҳамкориҳои Тоҷикистон ва Хитой дар даврони истиқлолият бахшида шудааст. Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Халқии Хитой ду давлати ҳамсоя ва шарикони анъанавӣ дар танзими муносибатҳои минатқавӣ ва байналмилалӣ буда, робитаҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаи давлатҳо ба умқи қарнҳо мерасад ва пас аз касби истиқлолияти Тоҷикистон ин ҳамкориҳо дар сатҳ ва сифати нав рушд кардаанд.

Ба даст овардани истиқлоли сиёсӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон имконияти муаррифии давлат дар арсаи байналмилалӣ тавассути ба роҳ мондани ҳамкориҳои манфиатбори мутақобила бо кишварҳои дуру наздик, дастгирии иштирок ва фаъолияти давлат дар низоми созмону ташкилотҳои байналмилалиро ба вуҷуд овард. Аз ин рӯ, Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯзҳои аввали соҳибистиқлолӣ ба самтгирии сиёсати хориҷӣ диққати махсус дода, дар маркази он давлатҳои ҳамсоя, ба хусус Ҷумҳурии Халқии Хитой қарор гирифт.

Раванди шаклгирии самтҳои сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ибтидои асри XXI бо эълони сиёсати “дарҳои кушода” маҷрои устувор касб намуда, иштироки фаъоли давлат дар танзими раванду мушкилиҳои минтақавӣ ва ҷаҳонӣ бо ташаббусҳои ҷаҳонии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъмин карда шуд. Дар ин давра, робитаҳои мутақобилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Халқии Хитой тамоми соҳа ва бахшҳои гуногуни ҳамкориҳои дуҷонибаро фаро гирифта, ҳамдигарфаҳмии сиёсии роҳбарони давлатҳо доир ба масъалаҳои ҷаҳонӣ, афзоиши нишондиҳандаҳои тиҷоратӣ, бунёди иншоотҳои иқтисодӣ, сармоягузориҳои ба соҳаҳои алоҳида, тақвияти робитаҳои фарҳангӣ ва омӯзиши забон ва санъати халқҳои ду кишвар ҷавогӯи манфиатҳои ҳарду давлат мебошад.

Бинобар ин, муаллиф кушиш намудааст, ки дар доираи рисолаи мазкур ҳамкориҳои Тоҷикистон ва Хитойро дар даврони истиқлолият (солҳои 1991-2021) аз дидгоҳи замони нав ба риштаи таҳлил кашида, дастовардҳои тақрибан 30 соли ҳамкорҳои манфиатбори ду давлатро барои муайян намудани дурнамои рушди муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Халқии Хитой пешбинӣ намояд.

Диссертаанд дар раванди таҳияи рисолаи илмӣ корҳои зиёди таҳқиқотӣ ва фаъолияти самараноки таҳлилиро ба анҷом расонидааст, ки пеш аз ҳама дар омӯзиши васеи маводҳои илмӣ, назариявӣ ва амалӣ оид ба масъалаи таҳқиқшаванда, таҳлили амиқи адабиётҳои илмӣ ва санадҳои байнидавлатӣ инъикос ёфтааст. Диссертатсия мавқеи муҳими илмӣ ва амалӣ дошта, пешниҳод ва хулосаҳои он фарогири сиёсати созанда ва ҳусни ҳамсоягии неки Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбати кишварҳои ҳамсоя буда, ҳамшарикии Тоҷикистон ва Хитойро дар татбиқи лоиҳаҳои минтақавӣ нишон медиҳад.

Дар диссертатсия давраи хронологии рисола муайян шуда, он солҳои 1991–2021-ро дар бар мегирад. Чаҳорчӯбаи хронологии рисола аз касби истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳамчун субъекти фаъоли муносибатҳои байналмилалӣ пазируфтани он то давраи таҷлили қариб 30-солагии ҳамкориҳои дуҷонибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Халқии Хитойро дар бар мегирад.

Диссертатсияи мазкур дар асоси талаботи илмӣ анҷом ёфта, сохтори илман асоснокшуда ва маводҳои нисбатан эътирофшуда дорад. Мавзуи таҳқиқотии интихоб намудаи муаллиф дар умум мубрам буда, асосан дидгоҳи нав ва мустақили таҳқиқоти илми таърихро инъикос менамояд.

Натиҷаҳои ба даст омадаи таҳқиқоти диссертатсионӣ бо навгониҳои назариявии худ фарқкунанда мубошад. Асоснокии дурустии пешниҳодҳо ва воқеӣ будани натиҷаҳои рисола дар асоси маводҳои илмӣ, санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ ва созишномаҳои байналмилалӣ тасдиқ гардида, натиҷаҳои назариявии ба даст омада бо натиҷаҳои таҳлил мутобиқат менамоянд.

Ҳадаф ва вазифаҳои дар назди муҳақиқ гузошташуда иҷро гардида, тасдиқи онҳо дар натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ, ки ба самти коркарди пешниҳодҳои мусбӣ барои рушди ҳамкориҳои Тоҷикистон ва Хитой дар даврони соҳибистиқлолӣ равона гардидааст, инъикос мегарданд.

Бешубҳа натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ муҳиммияти амалии мавзуъро низ муайян менамоянд. Чунончӣ, натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд дар таҳияи китобҳои дарсӣ, монографияҳо, маводи лексионӣ ва барномҳои таълимиву методии як қатор фанҳои таълимӣ истифода гарданд.

Пешниҳод ва хулосаҳои дар таҳқиқоти диссертатсионӣ овардашуда тавассути таҳлили теъдоди зиёди сарчашмаҳо аз ҷониби муаллиф асоснок ва тасдиқ гардидаанд, ки вобаста ба шакл ва муҳтаво гуногун мебошанд: санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, маълумотҳои оморӣ, созишномаҳои байнидавлатӣ, китобу монографияҳои муаллифони гуногун, мақолаҳои илмии мутахассисон ва сомонаҳои расмии давлатӣ.

Сохтори диссертатсия вобаста ба мақсад, вазифа ва мантиқи таҳқиқот аз мундариҷа, номгӯи ихтисораҳо, муқаддима, се боб, зербобҳо, хулоса, рӯйхати адабиёти истифодашуда ва феҳристи интишороти илмии муаллиф иборат мебошад.

Дар муқаддима мубрамияти мавзуи таҳқиқотӣ асоснок гардида, сатҳи таҳқиқотии он, мавзуъ, объект, мақсаду вазифаҳои таҳқиқот, асосҳои методологӣ, назариявӣ, навгонии илмӣ, нуқтаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшуда, аҳамияти назариявӣ ва амалии диссертатсия муайян карда шудааст. Инчунин, тасвиби натиҷаҳои таҳқиқот дар мақолаҳои илмии муаллиф ва баромад дар конференсияҳои донишгоҳӣ ва ҷумҳуриявӣ, саҳми шахсии довталаб ва сохтори таҳқиқот пешбинӣ шудааст.

Диссертатсия аз се боб иборат ёфта, дар онҳо муаллиф кушиш намудааст, ки доир ба таърихи ҳамкориҳои мутақобилаи халқҳои тоҷику хитой таҳқиқот гузаронида, давраҳои асосии рушди ҳамкориҳои ду халқи ҳамсояро муайян намояд, зеро маҳз ҷанбаҳои таърихии робитаҳо метавонанд барои устувории ҳамкориҳо дар оянда миёни Тоҷикистон ва Хитой мусоидат намояд. Саҳифаҳои эътирофнамоии байнидавлатӣ, таъйини намояндагиҳои доимӣ миёни кишварҳо, устуворгсозии ҳамкориҳо дар соҳаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, илму маориф, фарҳанг, ҳарбӣ-техникӣ, тиҷорат, сармоягузориҳои мустақим, таъмини амнияти минтақавӣ, муборизаи муштарак бар зиди таҳдиду хатарҳои муосир, иштироки давлатҳо дар сохторҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст.

Дар хулоса натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ ифода ёфта, ҷанбаҳои гуногуни истиқрор ва рушди ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Халқии Хитой дар солҳои 1991-2021 инъикос гардидааст ва муаллиф як қатор пешниҳодҳоро ҷиҳати рушди робитаҳои байнидавлатӣ миёни Тоҷикистону Хитой, устуворгардонии ҳамкориҳои судманд дар соҳаҳои иқтисодӣ, тиҷоратӣ, фарҳангӣ, маорифу илм иброз намуда, роҳҳои эътимод ва ҳамдигарфаҳмии давлатҳоро дар чаҳорчӯбаи ниҳодҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ пешбинӣ менамояд. Дар рӯйхати адабиёт тамоми сарчашма ва маводи истифодашуда гурӯҳбандӣ шуда, номгӯи пурраи онҳо дар рисола оварда шудааст.

Диссертатсияи пешниҳодшуда фаъолияти мустақилонаи арзишманди илмии муаллиф буда, ба тамоми талаботҳое, ки барои таҳияи диссертатсияи номзадӣ муқаррар шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Таҳқиқоти диссертатсионии Зокиров Иброҳим Исмоилович дар мавзуи “Истиқрор ва рушди ҳамкориҳои Тоҷикистон ва Хитой дар даврони истиқлолият (солҳои 1991-2021)” кори анҷомёфта буда, барои дарёфти унвони илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.15 – Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати хориҷӣ (илмҳои таърих) арзанда мебошад.

Роҳбари илмӣ:
номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи
дипломтия ва муносибатҳои байналмилалии
Академияи идоракунии давлатии
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон — Бобозода Фаридун Толибҷон

18.03.24

Имзои Ф.Т. Бобозодаро тасдиқ мекунам.
Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва
корҳои махсуси Академияи идоракунии давлатии
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон — Ғаюров Фаромуз

РАЁСАТИ КАДРҲО, КОРГУЗОРИ ВА КОРҲОИ МАХСУС

734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯч. Саид Носир, 33,
тел.: (+992) 37-224-89-45, 901–11–20–02, E-mail: bfarid@list.ru
Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон